Бо Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломии ҶСК “Тавҳидбонк” 27 феврали соли 2020 мувофиқа карда шуд

Бо қарори Шӯрои нозирони ҶСК “Тавҳидбонк” № 16.4 аз 25 июни соли 2020 тасдиқ карда шуд

# ҚОИДАҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ АМАЛИЁТҲОИ БОНКИИ ҶСК “ТАВҲИДБОНК”

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. ҶСК “Тавҳидбонк” (минбаъд - Бонк) ба ҳайси вориси ҶСК “Соҳибкорбонк” аз соли 1999 ҳамчун бонкии анъанавӣ фаъолият намуда, аз 17 сентябри соли 2019 хизматрасониҳои худро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси иҷозатномаи № 0000104 аз 17 сентябри соли 2019, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти бонкии исломӣ дода шудааст, пешниҳод менамояд.

1.2. Қоидаҳои гузаронидани амалиётҳои бонкии ҶСК "Тавҳидбонк" (минбаъд - Қоидаҳо) дар асоси принсипҳои маблағгузории исломӣ ва тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ”, “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ”, дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома ва дигар ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк таҳия гардида, дорои маълумоти зерин мебошанд:

1) маблағ ва мӯҳлати ниҳоии амонатҳои исломӣ ва маҳсулотҳои маблағгузории исломӣ;
2) андозаи ниҳоии меъёри фоида аз рӯи амонатҳо ва маҳсулотҳои маблағгузории исломӣ;
3) шартҳои пардохти фоида аз рӯи амонатҳо ва маҳсулотҳои маблағгузории исломӣ;
4) талабот ба гараве, ки Бонк қабул мекунад;
5) мӯҳлатҳои ниҳоӣ барои қабули қарор оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ;
6) тартиби баррасии муроҷиати муштариён дар раванди пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ;
7) ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Бонк ва муштариёни он, шартҳои гузаронидани амалиётҳои бонкӣ ва хавфҳои ба онҳо вобаста;;
8) муқаррарот оид ба тартиби кор бо муштариён;
9) ҳаҷми хайрия (ҷаримаҳо) барои таъхири пардохти маблағгузорӣ;
10) дигар шартҳо.

1.3. Тибқи талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади назорати риоя гардидани принсипҳои маблағгузории исломӣ, ҳама амалиётҳои бонкӣ аз ҷониби Шӯрои нозирон ва Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломии Бонк таҳти назорат қарор дода мешаванд.

1.4. Қоидаҳо маълумоти оммавӣ буда, сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ ба шумор намераванд. Бонк Қоидаҳоро дар манбаи интернетии (web-сомонаи) худ ҷойгир намуда, барои шиносоии муштариён бо дархости аввалини онҳо, дастрас мегардонад.

1.5. Қоидаҳо шартҳои умумии қолабии гузаронидани амалиётҳои Бонкро, ба истиснои амалиётҳои дар бозори байнибонкӣ гузаронидашаванда, муқаррар менамояд. Шартҳои мушаххаси анҷом додани амалиётҳои алоҳидаи Бонк бо санадҳои дохилии Бонк, инчунин созишномаҳои махсуси бо бонкҳо басташуда, муқаррар карда мешаванд.

1.6. Тибқи стратегияи ҷорӣ ва самтҳои фаъолияти Бонк, гурӯҳи мақсадноки муштариёни Бонк шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ – субъектҳои тиҷорати хурду миёна, аз ҷумла кормандони Бонк, ҳамчунин субъектҳои тиҷорати бузурги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

ширкатҳои фаръии онҳо, воҳидҳои сохторӣ ва намояндагиҳои ширкатҳои хориҷии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифташуда, ташкилотҳои давлатӣ ё ширкатҳои бо саҳми давлат таъсисёфта, ба шумор меравindependent.

1.7. Бонк қабл аз пешниҳоди ягон хизматрасонӣ ба Муштарӣ, нисбати ӯ расмиёти зарурии мушаххаснамоиро тибқи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумуҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (минбаъд - МКД/МТ ва МПСҚО), санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк, амалӣ месозад.

## 2. МАФҲУМҲО

2.1. Мафҳумҳои асосие, ки дар Қоидаҳои мазкур истифода шудаанд:

- **Бонк** – ҶСК “Тавҳидбонк”
- **рӯзи бонкӣ** – дилхоҳ рӯзе, ки Бонк барои хизматрасонӣ дар Ҷумухрии Тоҷикистон, кушода аст.
- **сирри бонкӣ -** маълумот дар бораи фаъолият ва ҳолати молиявии муштариён, ки ба Бонк ҳангоми хизматрасонӣ ва муносибат бо муштариён ё бо шахсони сеюм маълум гаштааст ва ошкор кардани онҳо мумкин аст ба муштариён зиёни моддӣ ё маънавӣ расонад;
- **Дорандаи корти пардохтӣ –** шахси воқеӣ, аз ҷумла шахси аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ-соҳиби суратҳисоб ваколатдоршуда, ки дар асоси шартномаи пешниҳоди корт ҳуқуқи гузаронидани амалиётро бо истифодаи корт доро мебошад;
- **Шартномаи суратҳисоби бонкӣ –** созишнома бораи кушодани суратҳисоби бонкӣ дар Бонк, ки байни муштарӣ ва Бонк аз рӯи шакли муқаррарнамудаи Бонк, баста мешавад;
- **Шартномаи барориши корт -** Шартнома дар бораи додани корти дебетӣ ё кредитӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои электронии бонкӣ;
- **соҳибияти қонунӣ -** ҳолате, ки Бонк доройӣ/молро ба таври воқеӣ таҳвил дода наметавонад, аммо доройӣ/мол дар ихтиёри Бонк қарор дорад ва ҳама ҳуқуқу ӯҳдадориҳо нисбат ба доройӣ/мол, бо назардошти ҳама гуна хавфҳои марбут ба соҳибият ба доройӣ/мол, ба Бонк интиқол ёфтаанд;
- **гарав -** усули таъмини ӯҳдадорӣ, ки тавассути он Бонк ҳуқуқ дорад дар ҳолати иҷро нашудани ин ӯҳдадорӣ аз қонеъгардонии арзиши молу мулки ба гарав гузоштašуда асосан нисбат ба қарздеҳони шахсе, ки ин амвол (гаравгир) ба ӯ тааллуқ дорад, ба истисноӣ муқаррарнамудаи қонун, бархӯрдор бошад;
- **иҷора / лизинг -** созишномаест, ки ба як тараф (иҷорагир) имкон фароҳам меорад, ки доройӣ ё амволи тарафи дигарро (иҷорадеҳро) бо арзиши қаблан мувофиқашуда ва дар муддати муайян истифода барад. Иҷора метавонад бо харидории доройӣ анҷом ёбад (тибқи созишномаи алоҳида) ё на;
- **таҳвил (инкассо) -** амалиёте, ки бо ҳуҷҷатҳои молиявӣ ва тиҷорӣ бо мақсади гирифтан ва/ё қабули пардохт, ё супурдани ҳуҷҷатҳои мазкур бар ивази пардохт ва/ё қабул, ё супурдани ҳуҷҷатҳои мазкур бо шартҳои дигар, тибқи дастурҳои гирифташуда анҷом дода мешаванд;
- **амонат ё пасандозҳои исломӣ –** маблағи пулӣ ва сарватҳои дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки барои нигоҳ доштан ба ташкилоти қарзии исломӣ бо шарти пардохти пурра бо фоида ё бидуни он, ба соҳиби амонат ё намояндаи он, бо дархост ё ба мӯҳлатҳои мувофиқашуда бо намудҳои зерин ва бо риояи принсипҳои маблағгузории исломӣ дода мешаванд;
- **корт -** корти пардохтии бонкӣ, аз ҷумла кортҳои иловагӣ, ки дар асоси Шартномаи барориши корт дода шудаанд ва ба дорандаи он имкони гирифтани пули нақд, пардохт ва/ё интиқоли пулро (вобаста ба намуди маҳсулоти кортии пешниҳодшуда) дар доираи маблағҳои дар суратҳисоб мавҷудбуда, фароҳам меорад;

- **муштарӣ** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие мебошад, ки истифодабаранда ва ё мақсади аз хизматрасониҳои бонкӣ истифода бурданро дорад;

- **Кумита -** Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ – мақоми Бонк, ки барои мутобиқ будани созишномаҳои (шартномаҳои) басташудаи он ба стандартҳои фаъолияти бонкии исломӣ масъул мебошад;

- **Музораба -** намуди амонати исломӣ дар асоси шарикӣ дар фоида ва зарар буда, дар он як тараф (Рабб-ул-Мол) сармоя пешниҳод мекунад ва тарафи дигар (Музориб) таҷриба ва дониши худро барои сармоягузории ин сармоя пешниҳод мекунад. Дар сурати гирифтани даромад, чунин даромад байни тарафҳо тибқи таносуби мувофиқагардида тақсим карда шуда, дар ҳолати дидани зиён, чунин зиёнро танҳо Раб-ул-Мол бар дӯш мегирад (ба истиснои ҳолатҳое, ки аз беэътиноии Музориб, амалҳои ғайриқонунӣ ё вайронкунии шартҳои муайян ба вуҷуд омадаанд) ва Музориб бошад, аз талошҳои худ зиён хоҳад дид. Навъҳои асосии Музораба: **Музорабаи номаҳдуд,** ки дар он маблағҳои муштарӣ бо салоҳдиди Бонк сармоягузорӣ мешаванд ва **Музорабаи маҳдуд**, ки дар он муштарӣ Бонкро ваколатдор менамояд, ки маблағҳои ӯро ба намуди муайяни дороиҳо сармоягузорӣ намояд;

- **Муробаҳа -** фурӯши молҳое, ки истифодаи он аз рӯи принсипҳои маблағгузории исломӣ манъ нашудаанд, бо изофапулии муайян ва мувофиқашуда ба нархи харид;

- **таъминнокӣ -** чораҳои махсуси пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартнома, ки бо мақсади водор сохтани қарздор баҳри иҷрои ӯҳдадорӣ бо таҳдиди талафоти амвол равона шудаанд (ҷаримаи аҳдшиканӣ, гарав, нигоҳ доштани амволи қарздор, замонат, кафолати бонкӣ, байъона (задаток) ва ғайра);

- **амалиёт ва аҳдҳои бонкии исломӣ** - амалиёт ва аҳдҳое, ки Бонк дар асоси Иҷозатнома анҷом медиҳад ва дар моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" ва Дастурамали № 224 Бонки миллии Тоҷикистон "Дар бораи амалиётҳое, ки мутобиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ дар ташкилотҳои қарзии исломӣ анҷом дода мешаванд" пешбинӣ шудаанд;

- **рамзи PIN** - (рақами мушаххаси шахсӣ) рамзи махфии ба корт тааллуқдошта, ки барои мушаххас кардани Дорандаи корти пардохтӣ пешбинӣ шудааст;

- **фармоиши муштарӣ -** дастурҳои муштарӣ ба Бонк барои гузаронидани амалиётҳо аз рӯи суратҳисоби ӯ;

- **принсипҳои маблағгузории исломӣ -** маҷмӯи ҳуқуқҳои исломӣ, ки ба фаъолияти молиявӣ ва бонкӣ татбиқ карда мешаванд;

- **сомонӣ ё «TJS»** - пули миллии ҶумҳурииТоҷикистон;

- **суратҳисоб** - суратҳисобе, ки Бонк тибқи Шартномаи суратҳисоби бонкӣ барои муштарӣ мекушояд;

- **бонкдории электронӣ (хизматрасонии фосилавии бонкӣ) -** хизматрасониҳое, ки аз ҷониби Бонк барои анҷом додани амалиёти бонкӣ бо истифода аз воситаҳои барномавӣ - техникӣ ва телекоммуникатсионӣ пешниҳод гардида, ба муштарӣ имкони дастрасии фосилавиро ба суратҳисоби бонкии худ, гирифтани маълумот оиди амалиётҳои гузаронидашуда, бақия ва воситаҳои мавҷудаи пулии суратҳисобаш, фароҳам меоранд.

## 3. ТАРТИБИ КУШОДАН ВА ПЕШБУРДИ СУРАТҲИСОБҲОИ БОНКӢ. АМОНАТҲОИ ИСЛОМӢ

### 3.1. Суратҳисобҳои ҷорӣ ва пасандозӣ.

3.1.1. Кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва Шартномаи суратҳисоби бонкӣ, сурат мегирад.

3.1.2. Барои кушодани суратҳисоб муштарӣ ба Бонк бастаи ҳуҷҷатҳоро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк, пешниҳод менамояд.

3.1.3. Мутобиқи талаботи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонк ба мақомоти андоз дар бораи кушодани суратҳисоби муштарӣ (шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкор, аз ҷумла резидент ё ғайрирезидент), ба истиснои суратҳисобҳои шахсони воқеӣ, хабар медиҳад.

3.1.4. Суратҳисобҳои муштариён, вобаста аз интихоби муштарӣ, метавонанд бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ кушода шаванд. Миқдори суратҳисобҳои аз ҷониби муштарӣ дар Бонк кушодашуда номаҳдуд аст.

3.1.5. Бонк бо талаби муштарӣ барои пардохти пурраи маблағи бақияи суратҳисоби ӯ тибқи тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шартномаи суратҳисоби бонкӣ, ӯҳдадор мегардад ва кафолат медиҳад. Бонк ҳуқуқ дорад маблағҳои дар суратҳисоби муштарӣ ҷойгиршударо мувофиқи салоҳдиди худ сармоягузорӣ кунад ва аз рӯи маблағҳои мавҷудаи суратҳисоб мукофотпулӣ пардохт накунад.

3.1.6. Бонк маблағҳоро ба суратҳисоби муштарӣ аз шахсони сеюм (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк қабул мекунад. Воридоти маблағ бо асъори хориҷӣ ба суратҳисобҳои муштарӣ - шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби шахсони сеюм, мутобиқи қонунгузории асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

3.1.7. Шартҳои асосӣ аз рӯи суратҳисобҳои ҷорӣ:

| | **Шахсони ҳуқуқӣ** | **Шахсони воқеӣ** |
|---|---|---|
| Асъори суратҳисоб | TJS (сомонӣ), USD (доллари ИМА), RUR (рубли русӣ), EUR (евро), CNY (юани хитоӣ) ва ғ. | |
| Маблағи ҳадди ақал | номаҳдуд | |
| Маблағи ниҳоӣ | номаҳдуд | |
| Мӯҳлат | то дархост | |
| Меъёри фоида | нест | |
| Пардохти иловагӣ | иҷозат аст | |
| Қисман ё пурра гирифтани маблағ | иҷозат аст | |

3.1.8. Шартҳои асосӣ аз рӯи суратҳисобҳои пасандозӣ:

| | **Шахсони ҳуқуқӣ** | **Шахсони воқеӣ** |
|---|---|---|
| Асъори суратҳисоб | TJS (сомонӣ), USD (доллари ИМА), RUR (рубли русӣ), EUR (евро), CNY (юани хитоӣ) ва ғ. | |
| Маблағи ҳадди ақал | аз 25 доллари ИМА ё ҳамарзиши он бо дигар асъор | |
| Маблағи ниҳоӣ | номаҳдуд | |
| Мӯҳлат | то дархост | |
| Меъёри фоида | пешниҳоди тӯҳфа (ҳибо) бо салоҳдиди бонк | |
| Пардохти иловагӣ | иҷозат аст | |
| Қисман ё пурра гирифтани маблағ | иҷозат аст | |

3.2. **Амонати исломии Музораба.**

3.2.1. Муштарӣ, ҳамчун «соҳиби воситаҳои пулӣ» (Рабб-ул-мол) ба Бонк (Музориб) ваколат медиҳад, ки маблағҳои ӯро тавассути фондҳои таъсисдодашудаи умумӣ ва ё дигар фондҳо тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ, ки Бонк бо салоҳдиди худ интихоб кардааст, бидуни маҳдудият сармоягузорӣ намояд. Ҳангоми сармоягузории маблағҳои муштарӣ, муштарӣ ба Бонк ваколат медиҳад, ки маблағҳои ӯро бо маблағҳои худии Бонк, бақияи суратҳисобҳои ҷорӣ ё дигар суратҳисобҳо ва он суратҳисобҳое, ки Бонк ҳуқуқ дорад сармоягузорӣ кунад, якҷоя созад.

3.2.2. Суратҳисоби мӯҳлатноки Музораба метавонад пасандозӣ ё сармоягузорӣ бошад. Мӯҳлати сармоягузорӣ бо интихоби мизоҷ аз 3 то 36 моҳро ташкил медиҳад.

3.2.3. Барои ҷалби воситаҳои пулӣ аз рӯи амонати Музораба, Бонк аз муштарӣ маблағро ба таври нақдӣ, интиқоли бонкӣ ё дигар роҳҳои қонунии мақбул барои Бонк, қабул менамояд.

3.2.4. Бонк ҳамчун Музориб амал намуда, ӯҳдадор аст аз муштарӣ маблағи пулиро (амонати исломӣ) бо асъор ва ба мӯҳлати пешбининамудаи шартнома қабул намояд. Бонк ӯҳдадор аст, ки амонати Музорабаро ба манфиати муштарӣ идора намуда, тамоми талошҳои имконпазирро барои баргардонидани амонати Музораба ба муштарӣ ва пардохт намудани фоидаро аз рӯи амонати Музораба ба муштарӣ таъмин намояд. Бонк ӯҳдадор аст, амонати Музорабаро тибқи тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи шартнома идора кунад.

3.2.5. Маблағҳо аз суратҳисоби мӯҳлатноки Музораба аз ҷониби муштарӣ пас аз ба охир расидани мӯҳлати дар шартнома пешбинишуда, гирифта мешаванд.

3.2.6. Тибқи ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва принсипҳои маблағгузории исломӣ, Бонк барои баргардонидани амонат ё пардохти фоида аз рӯи амонат ба муштарӣ масъул нест (ба истиснои ҳолатҳое, ки аз ҷониби Бонк беэътиноӣ, амали ғайриқонунӣ ё вайронкунии шартҳои муайяни шартномаи Музорабаи номаҳдуд зоҳир гардадидааст).

3.2.7. Шартҳои асосии Музораба дар шартномаи дахлдор дарҷ гардидааст.

| **Меъёри тақсимоти фоида аз рӯи амонати “Музорабаи номаҳдуд”** | | |
|---|---|---|
| Мӯҳлати амонат | Муштарӣ / Бонк | |
| | бо TJS | бо USD |
| 3 моҳ | 20/80 | 15/85 |
| 4 моҳ | 25/75 | 20/80 |
| 5 моҳ | 25/75 | 20/80 |
| 6 моҳ | 30/70 | 25/75 |
| 12 моҳ | 50/50 | 45/55 |
| 18 моҳ | 60/40 | 50/50 |
| 24 моҳ | 70/30 | 65/35 |
| 30 моҳ | 80/20 | 75/25 |
| 36 моҳ | 80/20 | 75/25 |

Санаи пардохти даромад аз рӯи суратҳисоби мӯҳлатноки Музораба - на дертар аз санаи 15-уми ҳар моҳ пас аз давраи моҳи ҳисоботӣ.

## 4. КОРТҲОИ ПАРДОХТИИ БОНКӢ

4.1. Бонк навъҳо зерини кортҳои пардохтиро пешниҳод менамояд:

4.1.1. **Корти дебетӣ -** корти пардохтие, ки ба дорандаи он имкони пардохт ва (ё) интиқоли маблағҳоро дар доираи бақияи маблағҳои суратҳисоби бонкии муштарӣ, фароҳам меорад. Бонк дар асоси дархости муштарӣ, бо ҳамон мӯҳлат ва шартҳои дар шартномаи суратҳисоби бонкӣ пешбинишуда, ки муштарӣ ҳангоми кушодани суратҳисоб қабул кардааст, суратҳисоб кушода, корт мебарорад ва мутобиқи ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк ва Шартномаи барориши корт, принсипҳои маблағгузории исломӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мизоҷ рамзи PIN медиҳад. Бо барориши корт, Бонк ба муштарӣ имкон медиҳад, ки аз хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ ва дигар хизматрасониҳо, ки тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ нашудаанд, истифода барад. Номгӯи хизматрасониҳои бонкӣ ва усулҳои пешниҳоди онҳо ба муштарӣ аз ҷониби Бонк бо салоҳдиди худ якҷониба, бо назардошти рушд ва имкониятҳои техникии Бонк,

метавонад илова гарданд ва ё тағйир ёбанд. Бонк дар ин бора муштариёни худро бо роҳи гузоштани паёми дахлдори иттилоотӣ дар сомонаи интернетии Бонк огоҳ месозад. Бонк барои истифодаи корти дебетӣ мувофиқи Тарофаҳои Бонк ҳаққи хизмат меситонад.

4.1.2. **Корти кредитӣ -** корти пардохтие, ки ба дорандаи он имкони пардохт ва (ё) интиқоли маблағҳоро дар доираи хатти барқароршавандаи молиявӣ бо корти кредитӣ, ки аз ҷониби Бонк тибқи шартҳои шартномаи пешниҳоди хати қарзии барқароршаванда бо корти пардохтии байни Бонк ва Муштарӣ басташуда пешниҳод мегардад, фароҳам оварад. Бонк муштариёни чаканаро (шахсони воқеиро) бо шартҳои мӯҳлатнокӣ, баргардонӣ ва бидуни пардохти мукофоти фоизӣ, маблағгузорӣ мекунад. Муштарӣ маблағи пешниҳодшударо метавонад истифода ва инчунин амалиётҳои дигари кортиро тавассути корти кредитӣ анҷом диҳад, ки аз ҷониби Бонк тибқи Тарофаҳои Бонк барои хизматрасонии он ҳаққи хизмат ситонида мешавад. Баргардонидани маблағи пешниҳодшуда, инчунин иҷрои ӯҳдадориҳо аз ҷониби муштарӣ тибқи шартҳои дар лаҳзаи барориши корти кредитӣ мувофиқашуда сурат мегирад. Хусусияти ин маҳсулот дар он аст, ки қарзгир дар назди Бонк барои баргардонидани маблағи пешниҳодшуда, ӯҳдадорӣ ва масъулиятро ба зимма мегирад.

4.2. Барориши корти пардохтӣ тибқи тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи Шартномаи барориши кортҳо, сурат мегирад.

4.3. Амали корти пардохтии бонкӣ ва суратҳисоби дахлдор дар чунин ҳолатҳо қатъ мегардад:

- бо дархости хаттии муштарӣ дар шакли муқаррарнамудаи Бонк, ҳангоми муроҷиати муштарӣ ба Бонк ё филиалҳои он;
- бо дархости электронии муштарӣ бо шакли муқаррарнамудаи Бонк (дар ҳолати мавҷуд будани имконоти техникӣ);
- дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шартномаи барориши корт;

4.3.1. Корти пардохтӣ ва суратҳисоб пас аз қабули дархости муштарӣ баста мешаванд, агар ин хилофи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низоми байналмилалии пардохт набошад.

4.4. **Тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ, амалиётҳои кортии марбут ба объектҳои зерин манъ аст**:

- нӯшокиҳои спиртӣ;
- маҳсулоти тамоку;
- маҳсулоти хӯрокае, ки ба меъёрҳои Ислом мутобиқат намекунанд;
- китобҳо, рӯзномаҳо, маҷаллаҳои манъшуда (фаҳш, зӯроварӣ, дурӯғ ва ғайра);
- ярок;
- муассисаҳои фароғатӣ ва дилхушӣ (клубҳои шабона, тарабхонаҳо, майхонаҳо);
- қиморхонаҳо ва қиморбозӣ (казино, идораҳои букмекерӣ, лотереяҳо);
- рибоситонӣ - қарздиҳӣ бо фоиз;
- ломбардҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд;
- ҷодугарӣ, фолбинӣ ва ғайра;
- дигар амалиётҳои дар шартнома пешбинигардида.

## 5. МАҲСУЛОТҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ИСЛОМӢ

5.1. Бонк барои муштариёни худ маҳсулотҳои маблағгузории исломии зеринро пешниҳод менамояд:

**- барои шахсони ҳуқуқӣ:**

1) Муробаҳаи корпоративӣ;
2) Муробаҳаи молӣ (Таваррук);
3) Иҷора (лизинги молиявӣ);

**- барои шахсони воқеӣ:**

1) Муробаҳа барои хариди автомашина;
2) Муробаҳаи истеъмолӣ.

5.2. **Муробаҳа** – ин фурӯши молҳои ба принсипҳои маблағгузории исломӣ мутобиқ, ки ба нархи харид изофапулии муайян ва мувофиқашуда илова карда мешавад. Изофапулӣ метавонад дар шакли фоизи муайян аз нархи харид ва ё маблағи муайян (собит) ифода гардад. Айни замон, Бонк ду маҳсулоти Муробаҳаро пешниҳод менамояд: Муробаҳаи корпоративӣ ва Муробаҳаи молӣ (Таваррук).

5.2.1. **Мурабахаи корпоративӣ -** аҳди тиҷоратие, ки дар он Бонк арзиши дороиро мустақиман нишон медиҳад ва онро бо назардошти фоида ё изофапулӣ ба муштарӣ (шахси ҳуқуқӣ) мефурӯшад. Фоидаи Муробаҳа метавонад бо мувофиқаи тарафайн муайян карда шавад ва ҳамчун маблағи муайян (собит) ва ё меъёри фоидаи мувофиқшуда, ки ба ғайр аз арзиши доройи ситонида мешавад, ифода гардад. Пардохти нархи харид аз ҷониби муштарӣ одатан ба давраҳои баъдӣ гузошта мешавад. Маблағгузорӣ барои қонеъ гардонидани талаботи муштариён дар шаклҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

1) Маблағгузории якдафъаинаи Муробаҳа;
2) Меъёри маблағгузории Муробаҳа - якчанд амалиёти Муробаҳа дар доираи меъёр;
3) Маблағгузории воридотии Муробаҳа.

Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мурабахаи корпоративӣ *маблағгузории фаъолияти тиҷоратиро ҳамчун миёнарави тиҷоратӣ бидуни шарти фурӯши мол ба шахси сеюм* ифода мекунад.

**Аҳд оид ба маблағгузории муштарӣ бидуни шарти фурӯши минбаъдаи молҳо ба шахси сеюм,** се тарафро дар бар мегирад: Бонк, Муштарӣ ва Фурӯшандаи мол. Барои маблағгузории Муштарӣ, Бонк аз Фурӯшанда молро харидорӣ намуда онро ба нархи таъхирёфта (арзиши мол ҷамъи Муробаҳа - фоида) барои пардохт дар асоси пардохтҳои баъдӣ мефурӯшад. Муносибатҳои байни Бонк ва истеҳсолкунандаи мол дар асоси қоидаҳо оид ба пудрат, таҳвил, фармоишгар, хизматрасонии пулакӣ ё дигар қоидаҳо оид ба ӯҳдадориҳои марбут ба ин муносибатҳо, ки қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва принсипҳои маблағгузории исломӣ пешбинӣ намудаанд, танзим карда мешаванд.

5.2.2. **Мурабахаи молӣ (Таваррук)** як қатор шартномаҳо оид ба хариду фурӯш аст, ки тибқи онҳо харидор доироиро аз фурӯшанда бо шарти пардохти баъдӣ (насия) мехарад ва баъдан доироиро ба шахси сеюм бо нархи пасттар аз арзиши аввала барои ба даст овардани воситаҳои пулӣ мефурӯшад. Маблағгузорӣ барои қонеъ гардонидани талаботи муштариён, тибқи ин маҳсулот дар шаклҳои зерин пешниҳод мегардад:

1) Меъёри барқароршавандаи Муробаҳаи молӣ (барои нигоҳ доштани сармояи гардон);
2) Меъёри барқарорнашавандаи Муробаҳаи молӣ барои маблағгузории лоиҳавӣ (барои хароҷоти капиталӣ ва ғайра.);
3) Муробаҳаи молии барқарорнашаванда, фурӯши доройи ба шахси сеюм бо арзиши камтар баҳри ба даст овардани пули накд (аҳди якдафъаина).

Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, принсипи маблағгузории Муробаҳаи молӣ – ин *«маблағгузории фаъолияти тиҷоратӣ ҳамчун миёнарави тиҷоратӣ бо роҳи пешниҳоди маблағгузорӣ бо шарти фурӯши мол ба шахси сеюм»* мебошад.

**Аҳд барои маблағгузории муштарӣ бо шартҳои фурӯши минбаъдаи молҳо ба шахси сеюм (Таваррук)**, чор тарафро дар бар мегирад: Бонк, Муштарӣ, Фурӯшандаи мол ва Харидори мол. Барои маблағгузории Муштарӣ, Бонк аз Фурӯшанда молро бо шарти таҳвили фаврӣ ва пардохти фаврӣ харидорӣ мекунад ва онро ба Муштарӣ бо шарти таҳвили фаврӣ бо пардохти баъдӣ (арзиши мол ҷамъи фоидаи Муробаҳа), яъне бо насия мефурӯшад. Баъдан, Муштарӣ ҳамон молро ба Харидори мол бо нархи аслӣ тавассути Бонк (ҳамчун таҳвилгари пешниҳоди Муштарӣ ба Харидори мол баромадкунанда) бо шартҳои таҳвили фаврӣ ва пардохти фаврӣ мефурӯшад.

5.3. **Иҷора (лизинг) -** ин ба иҷора додани доройи ба иҷорагир мебошад ва Бонк, ҳамчун иҷорадеҳ, аз истифодаи доройи барои давраи муайян ба андозаи миқдори муайяни иҷорапулӣ фоида ба даст меорад. Мутобиқи Иҷора (лизинг), Бонк бояд то ба иҷора додани мол соҳиби мол бошад, яъне онро дар асоси ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба даст орад. Дар сурати

воридоти дорой аз хориҷа, Бонк метавонад шахси сеюм ё худи иҷорагири эҳтимолиро ба сифати миёнарав (агент) бо роҳи бастани шартномаи агентӣ оид ба харид, муоина, воридот ва бақайдгирии дороиҳо аз номи Бонк, таъин кунад. Дар ҳар сурат, Бонк бояд пешниҳоди Огоҳинома дар бораи хоҳиши иҷораро (лизингро) аз муштарии эҳтимолӣ, қабл аз харидани дорой таъмин намояд. Шартҳои Иҷора наметавонад ҳуқуқи хариди моли ба иҷора гирифташударо пешбинӣ кунад.. Ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба моли ба иҷора гирифташуда дар асоси шартномаи алоҳида ба муштарӣ (иҷорагир) метавонад гузарад. Дар умум, шартномаҳои иҷора (лизинг) метавонанд ҳамчун иҷораи (лизинги) амалиётӣ ва ё иҷораи (лизинги) молиявӣ баста шаванд.

5.3.1. **Иҷора (лизинги амалиётӣ).** Мутобиқи лизинги амалиётӣ, Бонк қабл ва баъд аз иҷора/лизинг соҳибмулки амвол аст. Маблағи иҷора бояд аз ҷониби иҷорагир пардохта шавад ва танҳо маблағи тағирёбандаро (фоидаи бонкро) дар бар гирад. Бонк маблағи собитро (арзиши дороиро) ба маблағи иҷорапулӣ илова намекунад. Иҷорагир пас аз ба охир расидани мӯҳлати иҷора дороиро ба Бонк бармегардонад. Иҷора (лизинги амалиётӣ) бояд ба талаботи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат намояд ***(Бонк дар марҳилаи аввали фаъолияти худ хизматрасонии иҷораи (лизинги) амалиётиро пешниҳод намекунад).***

5.3.2. **Иҷора (лизинги молиявӣ).** Дар мавриди иҷораи (лизинги) молиявӣ, Бонк дороиро барои мақсадҳои иҷора (лизинг) барои муштарӣ харидорӣ мекунад. Иҷорагир маблағи иҷораро, ки аз арзиши дорой, фоидаи Бонк ва дигар маблағҳои иловагӣ (агар бошанд) иборат аст, бояд пардохт намояд. Пас аз ба охир расидани мӯҳлати иҷора, Бонк ҳуқуқи соҳибмулкии молро ба Иҷорагир мегузаронад. Иҷораи молиявӣ (лизинг) бояд ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шартномаҳои лизинги молиявӣ мувофиқат намояд.

5.3.3. **Маблағ ва мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди маҳсулоти маблағгузории исломӣ барои шахсони ҳуқуқӣ:**

Меъёри ниҳоии маблағгузории мақсаднок - то 3 000 000 (се миллион) сомонӣ ё муодили он бо асъори хориҷӣ;

Мӯҳлати ниҳоии маблағгузорӣ - то 3 (се) сол, вобаста ба соҳа ва хусусияти лоиҳа.

Меъёри ниҳоии фоидаи Бонк - то 24% солона бо пули миллӣ / то 20 фоиз бо асъори хориҷӣ.

Шартҳои пардохт: ҳармоҳа

5.3.4. Вобаста ба махсулот маблағ ва мӯҳлатҳои ниҳоии дигар, метавонанд аз ҷониби Бонк муқаррар карда шаванд.

5.4. **Маҳсулотҳои маблағгузории исломӣ барои шахсони воқеӣ**

5.4.1. **Муробаҳа барои хариди автомашина** – ин маблағгузории шахсони воқеӣ барои хариди автомашинаи нав ё истифодашуда, бо истифода аз консепсияи Муробаҳа (арзиш ҷамъи изофапулӣ) мебошад.. Муробаҳа - аҳди сеҷонибаи байни харидор (ки дархости харидорӣ пешниҳод мекунад), таҳвилгар (ки молро мефурӯшад) ва Бонк, ки молро аз таҳвилгар харидорӣ намуда ба харидор мефурӯшад. Бонк автомашинаро харида, онро бо пардохти баъдӣ (насия) бо изофапулӣ ба муштарӣ мефурӯшад. Объекти аҳд метавонанд автомашинаҳои нав ва автомашинаҳои истифодашуда бошанд (на камтар аз 5 сол).

5.4.2. **Муробаҳаи истеъмолӣ -** маблағгузории шахсони воқеӣ барои харидории ашё барои эҳтиёҷоти шахсӣ (техникаи маишӣ, мебел, масолеҳи сохтмонӣ ва ғайра).

5.4.3. **Маблағ ва мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди маҳсулоти маблағгузории исломӣ барои шахсони воқеӣ:**

Меъёри ниҳоии маблағгузории мақсаднок - то 1 000 000 (як миллион) сомонӣ ё муодили он бо асъори хориҷӣ;

Меъёри ниҳоии фоидаи Бонк - то 24% солона бо пули миллӣ / то 20 фоиз бо асъори хориҷӣ;

Мӯҳлати ниҳоии маблағгузорӣ - то 3 (се) сол;

Шартҳои пардохт: ҳармоҳа.

5.4.4. Вобаста ба маҳсулот маблағ ва мӯҳлатҳои ниҳоии дигар, метавонанд аз ҷониби Бонк муқаррар карда шаванд.

## 6. ХАЙРИЯ (ҶАРИМА) БАРОИ ТАЪХИРИ ПАРДОХТИ ПАРДОХТИ МАБЛАҒ

6.1. Агар муштарӣ пардохтро дар мӯҳлати муқарраршуда ба таъхир андозад ва сабаби ин таъхиргузорӣ муфлисшавии муштарӣ ё ягон сабаби асосноки дигар набошад, муштарӣ бо ҳамин розӣ мешавад, ки тибқи талабот маблағи хайрияро, ки бо формулаи зерин ҳисоб шудааст, пардохт намояд:

**Маблағи хайрия (ҷарима) барои таъхир = A x B x C**

дар инҷо:

**«A»** - маблағи батаъхирафтода;

**«B»** - фоизи муайян аз маблағи батаъхирафтода барои ҳар як рӯзи таъхир;

**«C»** - шумораи рӯзҳо дар давраи оғози санаи пардохти маблағи батаъхирафтода то санаи анҷоми пардохти ӯҳдадориҳои муштарӣ.

6.2. Андоза ва меъёри ниҳоии маблағи хайрияҳо (ҷаримаҳо) аз рӯи пардохтҳои батаъхирафтода аз ҷониби Кумита муқаррар карда шуда дар шартномаҳои дахлдори маблағгузорӣ дарҷ мегарданд.

6.2.1. Андозаи хайрияҳо (ҷаримаҳо) барои пардохтҳои батаъхирафтода 0,1% аз маблағи батаъхирафтода барои ҳар як рӯз, аммо на зиёда аз 15% маблағи батаъхирафтодаро ташкил медиҳад.

6.3. Маблағи хайрияҳои аз рӯи пардохтҳои батаъхирафтода гирифташударо Бонк бояд аз номи муштарӣ ба фондҳои хайриявӣ, бо тарҳи хароҷоти воқеии Бонк, ки дар ҷараёни ҷамъоварии маблағҳои батаъхирафтода ба вуҷуд омадаанд, пардохт намояд. Бонк фондҳои хайриявиро метавонад дар мувофиқа бо Кумита интихоб намояд. Бонк барои пардохтҳои хайриявӣ суратҳисоби алоҳида кушода онро идора менамояд.

## 7. ТАЛАБОТ БА ГАРАВИ ҚАБУЛШАВАНДА ДАР БОНК

7.1. Талаботҳои умумӣ нисбати гарави қабулнамудаи Бонк дар сиёсати Бонк оид ба гарав пешбинӣ мегарданд.

7.2. Амволи гарав бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:

1) Амволи гарав бояд ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, принсипҳои маблағгузории исломӣ ва талаботи дохилии Бонк мувофиқ бошад;

2) Гаравдеҳ ба амволи гарав, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳуқуқи соҳибмулкӣ, ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ), дар асоси ҳуҷҷатҳои аслии таъсисӣ, ки дар давоми мӯҳлати амали Шартномаи гарав ба Бонк пешниҳод шудааст, ҳуқуқ дорад;

3) Амволи гарав (молу мулк ва ҳуқуқҳо) бояд аз гаронӣ ва ҳуқуқҳои шахсони сеюм озод бошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки Бонк бо чунин гарониҳо розӣ бошад;

4) Биноҳо ва иншоот бо шарти ба охир расидани сохтмон, инвентаризатсияи техникӣ ва бақайдгирии онҳо дар мақомоти ваколатдори давлатӣ, метавонанд амволи гарав бошанд. Ба истиснои он иншооти нотамом, бо шарти доштани ҳуҷҷатҳои қонунӣ барои сохтмон, ки дар як вақт ҳам амволи гарав ва ҳам объекти маблағгузории Бонк ба ҳисоб меравaнд;

5) Амволи ғайриманқул, ки ба сифати гарав пешниҳод карда мешаванд, бояд суроғаи ҳуқуқии дақиқ (маҳалли ҷойгиршавӣ) бо нишондоди кӯча, рақами биноҳо ва ғайраро дошта бошанд. Агар ин аломатҳои мушаххаскунанда нишон дода нашуда бошанд, бояд рақами кадастрии амвол дарҷ гардад. Рақами кадастрӣ бояд дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, ки дар мақоми ваколатдори давлатӣ ба қайд гирифта шудааст, нишон дода шавад.

## 8. ДИГАР АМАЛИЁТҲО

8.1. Илова бар амалиётҳои дар боло қайдгардида, Бонк метавонад тибқи Иҷозатнома, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаҳои мазкур, дигар амалиётҳои мутобиқ ба принсипҳои маблағгузории исломиро гузаронад:

- амалиёти хазинавӣ: қабул ва додани пули нақд, аз ҷумла ивазкунии он, мубодила, азнавҳисобкунӣ, мураттабсозӣ, бастабандӣ ва нигоҳдорӣ.
- амалиёти интиқолӣ: иҷрои дастурҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ оид ба пардохт ва интиқоли маблағ;
- амалиётҳои мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ;
- прием на инкассо платежных документов;
- қабули ҳуҷҷатҳои пардохтӣ барои таҳвили пул (инкассо);
- хизматрасонӣ ба сифати агенти молиявӣ;
- ҳамлу нақли пулҳои қоғазӣ, тангаҳо ва ашёи қиматбаҳо;
- барориши қоғазҳои қимматноки худӣ (ба истисноии саҳмияҳо);
- кушодан (пешниҳод) ва тасдиқи эътиборнома ва иҷрои ӯҳдадориҳои аз рӯи он;
- додани кафолати бонкӣ, замонатҳо ва дигар ӯҳдадориҳо барои шахси сеюм, ки иҷрои ӯҳдадориҳои пулиро пешбинӣ менамояд;
- хизматрасонии фосилавии бонкӣ;
- амалиётҳои сейфӣ: хизматрасониҳо барои нигоҳдории коғазҳои қиматнок, ҳуҷҷат ва ашёи арзишноки муштариён, аз ҷумла ба иҷора додани қуттиҳои сейфӣ, ҷевонҳо ва биноҳо;
- инчунин дигар амалиётҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва принсипҳои маблағгузории исломӣ иҷозат дода шудаанд.

8.2. Барориши коғазҳои қиматноки худии Бонк бо мақсади ҷалби маблағҳои дарозмӯҳлат, тавассути барориш ва ҷойгиркунии намудҳои ба принсипи маблағгузории исломӣ мутобиқи коғазҳои қиматнок бо пули миллӣ ва / ё асъори хориҷӣ сурат мегирад. Тартиби ҷойгиркунии коғазҳои қиматнок мутобиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар карда мешавад. Дар сурати ҷойгиркунии коғазҳои қиматнок дар бозори муташаккили биржавӣ, аз ҷониби ташкилкунандаи музоядаҳо, метавонад талаботи махсус муқаррар гардад.

Қабули қарор оид ба барориш, инчунин муқаррар намудани параметр ва шартҳои барориши коғазҳои қиматноки мутобиқ ба принсипҳои маблағгузории исломӣ, аз ҷониби Шӯрои нозирони Бонк сурат мегирад.

8.3. Мӯҳлатҳои мушаххаси гузаронидани амалиётҳои Бонк, ки дар ин боб нишон дода шудаанд, тибқи қоидаҳои дохилии Бонк, инчунин шартномаҳои мушаххасе, ки бо муштариён баста шудаанд, муайян карда мешаванд.

## 9. МЕЪЁР ВА ТАРОФАҲО БАРОИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ

9.1. Бонк барои гузаронидани амалиётҳо, мувофиқи тарофа ва меъёрҳои амалкунандаи Бонк, ки мустақилона аз ҷониби Бонк муқаррар карда мешаванд ва аз ҷониби Кумита ва Раёсати Бонк тасдиқ карда мешаванд, аз муштарӣ ҳаққи хизмат мегирад.

9.2. Маълумот дар бораи меъёр ва тарофаҳои Бонк дар сомонаи интернетии Бонк, дар лавҳаҳои иттилоотии филиал ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ ҷойгир карда мешавад.

9.3. Тамоми хароҷоти почта, телеграф, телекс, телефон ва дигар хароҷотҳо иловатан аз рӯи арзиши воқеӣ ситонида мешаванд, агар дар тарофаҳо тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад. Хароҷоти Бонк вобаста ба бонкҳои беруна (бонкҳои муросил) барои иҷрои супоришҳои муштарӣ оид ба гузаронидани амалиёти бонкӣ бо асъори хориҷӣ, аз рӯи арзиши воқеии ин хароҷотҳо ситонида мешавад, агар дар Тарофаҳои бонк тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

9.4. Агар арзиши хизматрасониҳои Бонк барои иҷрои дастури муштарӣ дар Тарофаҳои Бонк муқаррар нашуда бошад, ё дастури муштарӣ аз Бонк қабули ӯҳдадории

ғайримуқаррарӣ ё иҷрои кори иловагиро талаб кунад, ки дар равандҳои стандартӣ пешбинӣ нашудааст, Бонк андозаи ҳаққи хизматро дар асоси арзиши иҷрои дастурҳои муштарӣ муайян мекунад.

## 10. ТАРТИБИ БАРРАСИИ МУРОҶИАТИ МУШТАРИЁН ДАР РАВАНДИ ПЕШНИҲОДИ ХИЗМАТРАСОНИИ БОНКӢ

10.1. Дар ҳолати пайдо шудани ягон савол ва / ё пешниҳодҳо нисбат ба хизматрасониҳои бонкӣ, инчунин дар бораи гирифтани маълумоти иловагӣ дар бораи фаъолият, хизматрасонӣ, шартҳо ва мӯҳлати гузаронидани амалиёте, ки дар Қоидаҳои Бонк дохил карда нашудаанд, муштариён метавонанд ба Бонк (филиал, маркази хизматрасонии бонкӣ) муроҷиат кунанд, ё бо кормандони Бонк, ки ба муштариён хизмат мерасонанд, бо истифода аз воситаҳои зерини иртибот тамос гиранд:

| | |
|---|---|
| Сомонаи Бонк | www.tawhidbank.tj |
| Почтаи электронӣ: | info@tawhidbank.tj |
| Нишонии ҳуқуқии Саридораи Бонк | Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, к. Н. Муҳаммад, 10/17 |
| Маркази тамос | (44) 601-70-70 |
| Телефон | +992 (44) 601- 62- 62 |
| Филиал дар н. Фирдавсӣ, ш. Душанбе | Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе. к. Каҳоров 75<br>Тел: (44) 600-48-84, (44) 600-48-85, (44) 600-48-87<br>shohmansur@tawhidbank.tj |
| Филиал дар н.Рудакӣ | Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Рӯдакӣ, шаҳраки. Сомониён, к. Пушкин 42а<br>Тел: (8-3137) 2-20-68, 847-442-1474, rudaki@tawhidbank.tj |
| Филиал дар ш. Бохтар | Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, к. Норинова 6<br>Тел: (8-3222) 2-56-78, 847-447-0082, bokhtar@tawhidbank.tj |
| Филиал в г. Худжанд | Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, к. К. Хуҷандӣ 165<br>Тел: (44) 600-47-01, (44) 600-47-08, khujand@tawhidbank.tj |
| Филиал дар н. Шахритус | Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Шахритус, к. И.Сомони 26<br>Тел: (+992) 44 620 01 84, shahritus@tawhidbank.tj |

Дар ҳолати мавҷудияти арзу шикоятҳо нисбати хизматрасониҳои бонкӣ аз ҷониби Бонк ё кормандони он, муштариён метавонанд аз суроғаи электронии зерин истифода баранд: info@tawhidbank.tj

10.2. Бонк дархостҳои зерини муштариёнро баррасӣ мекунад:

- дархостҳои хаттии тавассути қосид воридгашта, почтаи муқаррарӣ, почтаи электронӣ ва тавассути сомонаи интернетии Бонк;
- аризаҳои шифоҳӣ, ки ба воситаи телефон ва ҳангоми ташрифи шахсии муштарии Бонк гирифта шудаанд.

10.3. Дархостҳои хаттии муштариён дар китоби бақайдгирии дархостҳои хаттӣ бо тартиби муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк сабт карда мешаванд.

10.4. Муштарӣ оид ба қабули дархости хаттии худ ҳуҷҷати тасдиққунанда мегирад ва ё дар нусхаи дархости ӯ навиштаҷоти мувофиқ гузошта мешавад. Рад кардани қабули дархости хаттӣ манъ аст.

10.5. Дархостҳое, ки тавассути сомонаи интернетии Бонк қабул мегарданд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк сабт карда мешаванд.

10.6. Дархостҳое, ки аз муштариён тавассути телефон қабул карда мешаванд, сабт карда мешаванд (бо назардошти имконияти техникӣ). Сабти гуфтугӯи телефонӣ бо розигии муштарӣ, ки пеш аз оғози сӯҳбат дар ин хусус огоҳ карда мешавад, сурат мегирад.

10.7. Аризаҳои шифоҳӣ, ки ба Бонк ворид шудаанд (ба воситаи телефон ё ҳангоми ташрифи муштарӣ ба Бонк), бояд фавран баррасӣ карда шаванд ва агар имкон бошад, ба дархости шифоҳии муштарӣ дарҳол ҷавоб пешниҳод карда шавад. Муштарӣ оид ба тартиби муқарраргардида барои гирифтани ҷавоб ва мӯҳлати баррасии чунин дархостҳо, хабардор карда мешавад.

10.8. Бонк муроҷиатҳои хаттиро бо тартиби муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои дохилӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамояд.

10.9. Дар ҳолати нокифоя будани маълумот ҳангоми баррасии дархостҳо, Бонк метавонад аз муштарӣ ҳуҷҷату маълумоти иловагӣ талаб намояд, ҳамзамон мӯҳлати баррасии дархост то лаҳзаи пешниҳоди ҳама ҳуҷҷатҳо ва иттилооти зарурӣ ба Бонк тамдид карда мешавад.

10.10. Бонк баррасии воқеӣ, пурра ва саривақтии дархостҳои мушатриёнро таъмин менамояд, муштариёнро дар бораи натиҷаи баррасии дархостҳо ва чораҳои андешидашуда хабардор менамояд.

10.11. Ҷавоб ба дархости хаттии муштарӣ бояд аз ҷониби шахси ваколатдори Бонк имзо карда шавад.

10.12. Вазифаҳои таҳлил ва назорати баррасии дархостҳо ба воҳиди сохтории бонк, ки ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк муқаррар кардааст, вогузор карда мешаванд.

## 11. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ БОНК ВА МУШТАРИЁНИ ОН, МАСЪУЛИЯТИ ОНҲО

11.1. Бонк ва муштариёни он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, принсипҳои маблағгузории исломӣ ва шартномаҳои байни Бонк ва муштариён басташуда, ҳуқуқ, ӯҳдадориҳо ва масъулиятҳо доранд.

11.2. Шартномаҳо байни Бонк ва муштариён тибқи шакли стандартӣ, ки аз ҷониби Бонк бо тартиби муқарраршуда ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудаанд, баста мешаванд.

11.3. Бонк ӯҳдадор мегардад, ки сирри бонкиро мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя намояд.

11.4. Бо назардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, Бонк ҳуқуқ дорад талаботҳо, мамнӯиятҳо ва маҳдудиятҳои муайянеро ба суратҳисобҳо ва амалиётҳое, ки муштарии Бонк анҷом медиҳад, бо назардошти чораҳои зерин муқаррар намояд:

- мавқуф гузоштани амалиётҳо;
- рад намудани қабули супоришоти пардохтӣ дар ҳолатҳои:

а) аз ҷониби муштарӣ пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳои зарурӣ бо мақсади омӯзиши манбаи воридот ва мушаххас намудани иштирокчиёни пардохт (интиқол);

б) дучор шудани амалиёт ба хавфи расмикунонии маблағҳо, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом;

в) номувофиқатии пардохт (интиқол) ба талаботҳои бонкҳои муросил.

11.5. Ҳама амалиётҳои суратҳисобҳо бо асъори хориҷӣ, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими асъор, ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк, инчунин шартномаҳои бо муштарӣ басташуда, анҷом дода мешаванд. Ҳангоми анҷом додани амалиёт бо асъори хориҷӣ, Бонк, ҳамчун агенти назорати асъор, ҳуқуқ дорад аз муштарӣ пешниҳоди ҳуҷҷатҳои марбут ба амалиёти асъорӣ, инчунин давра ба давра аз муштарӣ пешниҳоди ҳуҷҷатҳои муайян, ва / ё тибқи аввалин дархост тавзеҳи хаттии ӯро талаб намояд.

11.6. Бонк тибқи Қоидаҳои мазкур ва таҷрибаи бонкӣ ӯҳдадориҳои худро софдилона иҷро менамояд ва ҳақ дорад аз ҳама гуна каналҳои иртиботӣ, ҳисоббаробаркуниҳо ё низомҳои

пардохт бо истифода аз хизматрасониҳои бонкҳои муросил ва / ё дигар ташкилотҳо аз рӯи интихоби худ, истифода намояд.

11.7. Бонк барои иҷро накардани ӯҳдадориҳо аз рӯи пардохтҳо ва интиқолҳо ҷавобгар нест, агар ин гуна пардохт ё интиқол бо сабабҳои берун аз назорати Бонк, аз ҷумла, иштибоҳот, камбудиҳо, таъхири интиқол ё вайрон кардани амалиёти интиқол, бо сабаби корпартоӣ, қатъи барқ ё иштибоҳи таҷҳизот ё маркази клирингӣ ё ягон системаи дигар, ки дар он суратҳисоби дахлдори бонки муросил кушода шудааст, анҷом дода нашавад.

11.8. Муштарӣ ва Бонк барои иҷро накардани ӯҳдадориҳо аз рӯи ягон хизматрасонӣ масъул нестанд, агар иҷрои ин гуна ӯҳдадориҳо ягон қонун, қоида ё дигар талаботҳои ягон давлат ё дигар мақомоти ваколатдорро вайрон кунад ва ё иҷрои ӯҳдадориҳо бинобар ҳолатҳои ғайричашмдошт (форс-мажор) имконнопазир, душвор ё ба таъхир афтад: дар ин ҳолатҳо иҷрои ӯҳдадориҳо бояд то анҷоми амали чунин ҳолатҳо боздошта шаванд. “Ҳолатҳои ғайричашмдошт” (Форс-мажор) - ин ҳар гуна ҳодисае, ки бо сабабҳои новобаста аз тарафҳо ба вуҷуд омадааст, аз ҷумла маҳдудияти интиқоли маблағ, фармоишҳо, мусодира, имконнопазирии ҳама гуна мувофиқасозӣ, харобкорӣ, сӯхтор, обхезӣ, таркишҳо, офатҳои табиӣ, исёнҳо, корпартоӣ ва дигар амалҳои эътирозӣ дар ҷои кор, бетартибиҳо, ошӯбҳо, ҷанг, амалҳои давлат ва ё ташкилоти дорои чунин қудрат.

11.9. Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва принсипҳои маблағгузории исломӣ, Бонк ҳуқуқ дорад маблағҳои ба суратҳисоби муштарӣ воридшударо барои пардохти ӯҳдадориҳои вай ситонад.

11.10. Бонк ҳуқуқ дорад ҳама гуна амалиётро бекор кунад ё боздорад, қабули ҳуҷҷатҳои пардохтиро рад кунад, агар ба андешаи Бонк, иҷрои он, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳо бо бонкҳои муросил, дигар қонунгузориҳои қабулшударо вайрон кунад ва ё боиси вайрон шудани талаботҳои Бонк / принсипҳои маблағгузории исломӣ гардад.

11.11. Бонк ҳуқуқ дорад ба суратҳисобҳои Муштарӣ маҳдудиятҳо муқаррар намояд, инчунин тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон талабот ва ситонидани ҷаримаҳои шахсони сеюмро иҷро кунад.

11.12. Бонк ҳуқуқ дорад дар дилхоҳ ҳолат якҷониба аз пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ даст кашад, ҳуҷҷатҳои пардохтиро қабул накунад, суратҳисобҳои бонкиро маҳкам намояд, муносибатҳоро қатъ намояд, дар сурате ки муштарӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, принсипҳои маблағгузории исломиро вайрон кунад, дар ҳолати муфлисшавӣ ва ё барҳамхурии муштарӣ, таъқиби ҷиноии муштарӣ ё ҷалб ба ҷавобгарии ҷиноӣ, таъқиботи байналмилалии муштарӣ, агар нисбат ба муштарӣ ва / ё ҳамтои муштарӣ, бонки бенефитсиар ва / ё дигар шахсони сеюми иштирокчии амалиёти бонкӣ, ягон гуна таҳримот ё маҳдудиятҳо аз ҷониби Бонк ва / ё ташкилотҳои хориҷӣ / байналмилалӣ / миллӣ (аз ҷумла FATF, OFAC, СММ ва ғайра) мавҷуд бошад, ва ё агар Бонк шубҳа дошта бошад, ки муштарӣ ба фаъолияти террористӣ ва / ё фаъолияте, ки ба қонунигардонии (расмикунонии) даромад машғул аст ва / ё ҳар гуна амалеро иҷро мекунад, ки метавонад боиси таъқиби ҷиноии муштарӣ ва / ё дигар шартҳое гардад, ки ба андешаи Бонк, метавонанд оқибатҳои манфӣ барои Бонк дошта бошанд. Ҳангоми рух додани ин ҳодисаҳо, ҳама ӯҳдадориҳои муштарӣ дар назди Бонк бояд фавран иҷро карда шаванд. Дар ин ҳолат, Бонк барои зарари муштарӣ, ки дар натиҷаи ба таъхир ё боздоштани супоришҳои пардохтии муштарӣ расидааст, ҷавобгар нест.

11.13. Муштарӣ танҳо пас аз пардохти пурраи маблағҳои ба Бонк таалуқдошта, ҳуқуқ дорад, ки дар асоси дархости хаттӣ суратҳисоби худро бандад, агар бо Бонк тартиби дигаре мувофиқа нашуда бошад.

11.14. Бонк ҳуқуқ дорад дар сурати қатъ ё рад кардани иҷрои шартномаи суратҳисоби бонкӣ ё шартномаи пасандози сармоягузорӣ, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон суратҳисобро бандад.

11.15. Мувофиқи сиёсати Бонк, ҳангоми дар суратҳисоб бо ташабуси муштарӣ дар давоми шаш моҳи пайдарпайи тақвимӣ ва ё зиёда аз он, амалиётҳо инъикос нагарданд, суратҳисоб ғайрифаъол ҳисобида мешавад. Бонк барои бастани ҳама гуна суратҳисобҳо, ки дар муддати як соли тақвимӣ ғайрифаъол мегарданд, ҳуқуқ дорад. Дар ин ҳолат, Бонк

вазифадор аст, ки ба Муштарӣ дар бораи нияти бастани суратҳисоб дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар диҳад. Чунин огоҳинома ба суроғаи маълуми почтавии охирини муштарӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардаи муштарӣ дарҷ гардидааст, фиристода мешавад. Бонк пас аз ҳафт (7) рӯзи фиристодани огоҳинома ба муштарӣ, онро дастрасшуда меҳисобад, агар дар Шартномаи суратҳисоби бонкӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

11.16. Пеш аз бастани суратҳисоб, маблағҳои дар суратҳисоби муштарӣ боқимонда, баъди аз ҷониби Бонк гирифтани ҳаққи хизмат, ҷаримаҳо, пардохтҳо ва дигар хароҷоти вобаста ба пешбурди суратҳисоб, ба Муштарӣ дода мешаванд ва ё мувофиқи дастури ӯ ба дигар суратҳисоб тибқи Шартномаи хизматрасонии бонкӣ интиқол дода шуда, сипас суратҳисоб баста мешавад.

## 12. МУҚАРРАРОТ ОИД БА ТАРТИБИ КОР БО МУШТАРИЁН

12.1. Тартиб ва мӯҳлати баррасии дархостҳо барои хизматрасониҳои бонкӣ (дар мавриди зарурат пешниҳод намудани дархостҳо):

12.1.1. Бонк мӯҳлатҳои зерини баррасии дархостҳо ва қабули қарорҳоро оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ барои ҳар як намуди хизматрасониҳои бонкӣ муқаррар менамояд, агар пур кардани ариза лозим бошад ва бо шарти пешниҳоди бастаи пурраи ҳуҷҷатҳо аз ҷониби муштарӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк:

- Кушодани суратҳисоби ҷорӣ - Бонк пас аз қабули ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ, дар муддати 1 рӯзи корӣ қарор қабул мекунад;
- Кушодани пасандоз ба муштарии Бонк - пас аз қабули ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ, Бонк дар муддати 1 рӯзи корӣ қарор қабул мекунад;
- Дархостҳои муштариён барои маблағгузорӣ, вобаста ба маблағ, мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ аз ҷониби муштариён ва таҳлили онҳо аз ҷониби коршиносони бонк, бо тартиби зерин бо пули миллӣ ё муодили он бо асъори хориҷӣ баррасӣ карда мешаванд:
  - то 100 000 сомонӣ – аз 3 то 10 рӯзи корӣ;
  - аз 100 000 то 300 000 сомонӣ – то 15 рӯзи корӣ;
  - аз 300 000 то 500 000 сомонӣ – то 20 рӯзи корӣ;
  - аз 500 000 то 1 000 000 сомонӣ – то 25 рӯзи корӣ;
  - аз 1 000 000 сомонӣ зиёд –то 30 рӯзи корӣ.
- Қарор оиди дигар хизматрасониҳои бонкӣ аз ҷониби Бонк дар муддати 15 рӯзи корӣ барои шахсони ҳуқуқӣ ва то 10 рӯзи корӣ барои шахсони воқеӣ, вобаста аз хизматрасонӣ ва мӯҳлати тасдиқи мақомоти дохилии ваколатдори Бонк ё дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабул карда мешавад.

12.1.2. Барои баррасии дархостҳо ва қабули қарорҳо оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ нисбат ба он мӯҳлатҳое, ки дар банди 12.1.1 Қоидаҳои мазкур муқаррар шудааст, Бонк дар ҳолатҳои зерин метавонад мӯҳлатҳои бештареро муқаррар намояд:

- зарурати гузаронидани санҷиши иловагии ҳуҷҷатҳо ва маълумоти аз муштарӣ гирифташуда, тасдиқи маълумот ё мувофиқаи шахсони сеюм ё дигар намояндагони расмӣ ва шахсони манфиатдор;
- агар муштарӣ пешниҳоди хизматрасониҳои ғайристандартии бонкиро дархост намояд, ки барои баррасии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда, ҳамоҳангсозии дохилӣ ва тасдиқи мақомоти ваколатдори Бонк, вақти бештарро талаб намояд;
- омода намудани ҳуҷҷатҳои зарурии қаблӣ дар ҳар як ҳолати дар боло зикршуда.

12.2. Ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ, Бонк:

1) пеш аз бастани шартнома оид ба хизматрасониҳои бонкӣ ба муштарӣ чунин маълумотҳоро пешниҳод менамояд:

- маълумот оид ба меъёру тарофаҳо ва мӯҳлати қабули қарор нисбати дархости хизматрасонии бонкӣ (дар мавриди зарурат пешниҳод намудани дархост);
- маълумот дар бораи шартҳои пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ ва номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои бастани шартномаи хизматрасониҳои бонкӣ;
- маълумот дар бораи масъулият ва хавфҳои эҳтимолии муштарӣ ҳангоми иҷро накардани ӯҳдадориҳо аз рӯи шартномаи хизматрасонии бонкӣ;
- машварат ба муштарӣ доир ба масъалаҳои ба миён омада;
- бо дархости муштарӣ - нусхаи шартномаи стандартӣ дар бораи пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ.

2) дархости муштариро оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ дар мӯҳлатҳои дар Қоидаҳои мазкур муқарраршуда (ба шарте ки ариза зарур бошад), баррасӣ намояд;

3) пеш аз ба имзо расидани шартнома дар бораи хизматрасониҳои бонкӣ, Бонк ба муштарӣ фурсат медиҳад, ки бо шартҳои шартнома тариқи сомонаи интернетии Бонк шинос шавад;

4) муштариро нисбати ҳуқуқҳояш дар бораи муроҷиат ба мақоми ваколатдор ё суд, ҳангоми ба миён омадани аз рӯи хизматрасонии бонкии пешниҳодшуда, огоҳ менамояд. Бо ин мақсад ба муштарӣ маълумот дар бораи маҳалли ҷойгиршавӣ, почта, суроғаҳои электронӣ ва сомонаи интернетии Бонк ва мақоми ваколатдори давлатӣ пешниҳод карда мешавад.

12.3. Бонк махфияти маълумоти пешниҳодкардаи муштариро таъмин менамояд.

12.4. Тартиби пешниҳоди намудҳои алоҳидаи хизматрасониҳои бонкӣ ва кор бо муштариёни пардохтнопазир.

12.4.1. Бонк, пеш аз бастани шартномаи маблағгузорӣ, ба ғайр аз маълумот ва ҳуҷҷатҳои дар зербандҳои 1) б. 12.2. пешбинишудаи Қоидаҳои мазкур, ба муштарӣ тариқи шифоҳӣ ё хаттӣ маълумоти зеринро пешниҳод менамояд:

1) мӯҳлати пешниҳоди маблағгузорӣ;

2) маблағи ниҳоӣ ва асъори маблағгузорӣ;

3) рӯйхати мукаммал ва андозаи ҳаққи хизматрасонӣ, тарофаҳо ва дигар хароҷоти марбут ба пешниҳод ва хизматрасонии (пардохти) маҳсулоти маблағгузории исломӣ ба манфиати Бонк;

4) ҳолатҳои эҳтимолии яктарафа тағйир додани шартҳои шартномаи басташуда бо муштарӣ - шахси ҳуқуқӣ, ки қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст;

5) масъулият ва хавфҳои муштарӣ дар ҳолати иҷро накардани ӯҳдадориҳо аз рӯи шартномаи маблағгузорӣ;

6) масъулияти гаравдеҳ, кафил, зомин ва дигар шахсе, ки тарафи шартномаи таъмини маҳсулоти маблағгузории исломӣ мебошад.

12.4.2. Бонк дар муддати панҷ рӯзи корӣ аз рӯзи қабули қарор, дар бораи қонеъ ва ё рад кардани маблағгузорӣ бо дарҷи сабабҳои рад кардани он, ба муштарӣ хабар медиҳад.

12.4.3. Шартномаи маблағгузорӣ шартҳои ҳатмиеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, дар бар мегирад.

12.4.4. Агар дар шартномаи маблағгузорӣ пешбинӣ шуда бошад, Бонк муштариро дар мӯҳлат ва тартиби дар ин шартнома нишондодашуда дар бораи таъхири иҷрои ӯҳдадорӣ ва зарурати пардохт тибқи шартнома огоҳ менамояд. Бо розигии тарафҳо дар шартномаи маблағгузорӣ мӯҳлат ва усулҳои огоҳ намудани санаи пардохтҳои оянда тибқи шартнома пешбинӣ карда мешаванд.

12.4.5. Бонк аз рӯи тартиб ва асосҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, принсипҳои маблағгузории исломӣ ва шартномаи маблағгузорӣ, маблағи қарзҳоро меситонад..

12.4.6. Бо мақсади ситонидани маблағи қарзҳо аз рӯи шартномаи маблағгузорӣ ва дар доираи меъёр ва принсипҳои маблағгузории исломӣ, Бонк муштариро оиди зарурати пардохт аз рӯи шартномаи маблағгузорӣ ва оқибатҳои иҷро накардани ӯҳдадориҳояш, огоҳ месозад.

## 13. ЗАКОТ

13.1. Муштарӣ вобаста ба дороиҳои худ барои пардохти закот шахсан масъул аст.

13.2. Бонк метавонад ҳамчун намояндаи муштарӣ барои ҳисоби закот баромад кунад ва онро аз номи муштарӣ пардохт намояд.

## 14. ДАСТ КАШИДАН АЗ ҲУҚУҚИ ТАЛАБ

Пас аз огоҳии саривақтии муштарӣ, Бонк метавонад аз ҳама гуна шартҳо ва муқаррарот оид ба ҳуқуқи талабот даст кашад, аммо чунин раднамоӣ бояд бидуни зарар ба ҳуқуқҳои Бонк, алалхусус ҳуқуқи он барои муроҷиат ба суд, сурат бигирад.

## 15. ИТТИЛООТ БАРОИ МУШТАРӢ

15.1. Ҳама маълумотнома, иқтибос ё маводи чопии марбут ба ҳолати суратҳисоб, ки Бонк пешниҳод менамояд, бояд барои муштарӣ далелҳои асоснок ва боварибахш оиди дурустии онҳо дар ҳолати мурофиаи судӣ ё дигар ҳолатҳо бошанд.

15.2. Муштарӣ дарк ва қабул менамояд, ки ҳама зангҳо аз Бонк (ба Бонк) метавонанд барои ҳимояи манфиатҳои муштарӣ ва ё Бонк сабт шаванд.

## 16. СИРРИ БОНКӢ

16.1. Мутобиқи моддаи 54 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" маълумоти зерин сирри бонкӣ маҳсуб мешавад:

- дар бораи мавҷудияти суратҳисоби бонкӣ, соҳибони онҳо, дар бораи маблағҳои пулии дар онҳо мавҷуда ва амалиёти бо ин суратҳисобҳо иҷрошавандаи муштариён;
- дар бораи интиқоли маблағҳои пулӣ аз тарафи шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоб ва дар бораи фиристандагони (гирандагони) онҳо;
- дар бораи маблағҳои пулӣ ва ашёи қиматбаҳои муштарӣ, ки дар Бонк нигоҳ дошта мешаванд.

16.2. Маълумоте, ки ба сирри бонкӣ мансуб мебошад, аз ҷониби Бонк танҳо ба шахсони зерин дода мешавад:

1) ба соҳиби суратҳисоби бонкӣ ва соҳиби ашёи қиматбаҳо ё намояндаи онҳо;
2) ба фиристандагон ва гирандагони интиқолҳои пулӣ;
3) ба Бонки миллии Тоҷикистон бо талаби он;
4) ба Палатаи ҳисоби Ҷумурии Тоҷикистон вобаста ба аудити муштарии ташкилоти қарзии исломӣ дар асоси мактуби Раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон;
5) ба судҳо дар асоси қарори (таъиноти) суд (судя);
6) ба иҷрочии мақомоти иҷро дар асоси қарори иҷрочии мақомоти иҷро вобаста ба ҳуҷҷати иҷро;
7) ба бюрои таърихи қарз мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
8) ба мақомоти таҳқиқу тафтишоти пешакӣ ва прокуратура аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба муштариёни ташкилоти қарзии исломӣ - дар асоси қарори (таъиноти) суд (судяҳо) мутобиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
9) ба мақомоти андоз аз рӯи масъалаи пардохти андози шахсони ҳуқуқӣ дар асоси мактуби роҳбари мақомоти андоз бо пешниҳоди нусхаи фармони мақомоти андоз оид ба санҷиши онҳо.

16.3. Муқаррароти мазкур дар ҳолати бо сабабҳои гуногун қатъ гардидани муносибатҳо байни муштарӣ ва ташкилоти қарзии исломӣ низ эътибори худро гум намекунанд.

16.4. Маълумот дар бораи сирри бонкӣ дар сурати вафоти муштарӣ дода мешавад:
- ба шахсоне, ки аз тарафи муштарӣ дар васиятнома зикр шудаанд;
- ба судҳо, идораи нотариалӣ ва консулгариҳои хориҷӣ аз рӯи парвандаҳои меросии муштарии фавтида.

16.5. Маблағҳои дар суратҳисоби бонкӣ ё маблағҳо ва дороиҳои дигари дар Бонк нигоҳдошташаванда дар асоси қарори (таъиноти) суд (судя), қарори иҷрочии мақомоти иҷро вобаста ба ҳуҷҷати иҷро ҳабс карда мешаванд.

16.6. Ҳангоми ҳабс намудани маблағҳои пулии дар суратҳисобҳои бонкӣ буда, Бонк фавран амалиёти додани онро дар доираи маблағе, ки ҳабс карда шудааст, қатъ менамояд.

16.7. Ҳангоми ҳабс намудани ашёи қиматбаҳои дигаре, ки дар Бонк нигоҳ дошта мешаванд, додани онҳо ба соҳибонашон қатъ мегардад.

16.8. Ба кормандони роҳбарикунанда, кормандон амалкунанда ё собиқ ва намояндагони Бонк пешниҳод намудани сирри бонкӣ ба шахсони сеюм, ошкор кардан ё додани имконият барои таҳлили он манъ аст, ба истисноии ҳолатҳое, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” пешбинӣ шудаанд.

16.9. Муштарӣ эътироф менамояд ва розӣ аст, ки пас аз имзои шартнома дар бораи хизматрасонӣ аз ҷониби Бонк, Бонк ҳуқуқ дорад сирри бонкӣ ва сабтҳоро ба таври электронӣ дар васоити магнитӣ ё истифода аз дигар усулҳо нигоҳ дорад, интиқол диҳад, коркард кунад ва минбаъд розӣ мешавад, ки паёмҳо, телекс, факсимилаҳо, ҳомилҳои магнитӣ, лентаҳо, чопҳои компютерӣ ва нусхаҳои аксӣ, ки Бонк метавонад онҳоро ҳамчун иқтибос аз файлҳо, китобҳо, сабтҳо ё суратҳисобҳо, ки далели раднопазир оиди боэътимодии мундариҷаи он ба ҳисоб меравад, пешниҳод намояд..

16.10. Муштарӣ эътироф менамояд ва розӣ аст, ки Бонк метавонад аз хизматрасониҳои аудити беруна истифода барад ва аудит метавонад ба китобҳо ва сабтҳои Бонк ва маълумот дар бораи муштарӣ ва суратҳисоби ӯ ҳангоми имзои созишномаи суратҳисоби бонкӣ дастрасӣ дошта бошад.

16.11. Муштарӣ ҳангоми дидани зиён ё хисорот дар натиҷаи ифшои қонунии маълумот ҳеҷ гуна даъво намекунад ва аз ҳуқуқи пешниҳоди ҳама гуна даъвоҳо нисбат ба Бонк даст мекашад.

## 17. ОГОҲИНОМАҲО

Ҳама огоҳиномаҳо ва дигар паёмҳои хаттӣ, ки ба суроғаи дар шакли бақайдгирии кушодани суратҳисоб дарҷгардида, ба муштарӣ фиристода шудаанд, пас аз 7 (ҳафт) рӯз аз лаҳзаи фиристодан дастрасшуда ба ҳисоб меравaнд, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад. Бонк барои таъхир ё гум шудани почта масъул нест. Огоҳиномаҳо дар бораи тағйир ёфтани суроғаи муштарӣ, то лаҳзаи ворид намудани тағйирот мазкур ба ҳуҷҷатҳои Бонк, ба инобат гирифта намешаванд.

## 18. УСУЛҲОИ ҚОНУНИИ КОРБАРӢ

Бонк ҳангоми зарурат барои андешидани ҳама тадбирҳо, ҳато ҳабси маблағҳои суратҳисоб ҳуқуқ дорад, агар Бонк чунин шуморад, ки ин маблағҳо бо усулҳои ғайриқонунӣ ё дар натиҷаи амалиёти ғайриқонунӣ ба даст омадаанд. Қарори Бонк дар ин бобат бояд қатъӣ бошад. Бонк ҳамчунин метавонад дар бораи ҳама гуна далелҳои шустушӯи пул, амалиёти ғайриқонунӣ ва / ё шубҳанок ба мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ хабар диҳад.

Бонк дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” (минбаъд - МҚД/МТ ва МПСҚО), Қоидаҳои назорати дохилӣ оид ба МҚД/МТ ва МПСҚО ва дигар қоидаҳои амалкунанда, барои муқовимат ба қонунигардонии (пулшӯии) маблағ саъю талош намуда, бо салоҳдиди худ баъзан метавонад дигар маълумоти иловагӣ ва / ё суратҳисобҳоро аз муштарӣ талаб кунад ва ҳамин гуна маълумотро барои мақомотҳои ваколатдор, ки дар амалиётҳо иштирок мекунанд

таъмин намояд. Бонк барои таъхири иҷрои амалиётҳо бо сабаби аз ҷониби муштарӣ саривақт пешниҳод нагардидани маълумоти зарурӣ, масъул ба зимма надорад.

## 19. ХАВФҲОИ ВОБАСТА БА ГУЗАРОНИДАНИ АМАЛИЁТИ БОНКИИ ИСЛОМӢ

19.1. Бонк ҳамаи хавфҳоеро, ки бо амалиёти бонкии исломӣ алоқамананд, муайян, андозагирӣ, мониторинг ва назорат менамояд.

19.2. Бонк ба намудҳои зерини хавф дучор мешавад:

1) **хавфи қарзӣ** - эҳтимолияти ба амал омадани зарар дар натиҷаи аз тарафи қарзгиранда ё дигар тарафи шартнома иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои худ тибқи шартҳои мувофиқашуда;

2) **хавфи бозорӣ** - эҳтимолияти ба амал омадани зарари молиявӣ аз рӯи амалиётҳои тавозунӣ ва ғайритавозунӣ, бо сабаби тағъирёбии номусоиди меъёрҳои фоизии бозор, ки метавонанд ба фоидаи бонк, қурби асъор, арзиши бозории воситаҳои молиявӣ ва молҳо таъсир расонанд;

3) **хавфи амалиётӣ** - эҳтимолияти ба амал омадани зарар дар натиҷаи номувофиқ ё нокифоя будани равандҳои дохилӣ, захираҳои инсонӣ ва низомҳо ё ҳодисаҳои беруна, аз ҷумла бо назардошти хавфи ҳуқуқӣ (бе назардошти хавфи стратегӣ ва хавфи нуфузу эътибор);

4) **хавфи пардохтпазирӣ** – эҳтимолияти ба амал омадани зарар, бинобар иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои Бонк дар мӯҳлати муқарраршуда, бе зиёни назаррас;

5) **хавфи нарх** – эҳтимолияти ба амал омадани зарари молиявӣ дар натиҷаи тағйироти номусоид дар арзиши бозории воситаҳои молиявӣ ва молҳо;

6) **хавфи асъорӣ** – эҳтимолияти ба амал омадани зарари молиявӣ дар натиҷаи тағйирот ва лапишҳои номусоиди қурби асъори хориҷӣ дар фаъолияти Бонк;

7) **хавфи ҳуқуқӣ** – эҳтимолияти ба амал омадани зарар дар натиҷаи аз ҷониби Бонк риоя нагардидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷониби ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя нагардидани қонунгузории давлатҳои марбут ба ғайрирезидентҳо, аз тарафи Бонк риоя нагардидани шартҳои созишномаҳои байналмилалӣ ва шартномаҳои басташуда, роҳ додан ба хатогиҳои ҳуқуқӣ дар рафти фаъолият (машварати нодурусти ҳуқуқӣ ё таҳияи нодурусти ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла баррасии масъалаҳои баҳсӣ дар мақомоти судӣ), номукаммалии низоми ҳуқуқӣ (ихтилофоти қонунгузорӣ, вуҷуд надоштани меъёрҳои ҳуқуқӣ барои ҳалли масъалаҳои алоҳида, ки дар рафти фаъолияти бонкӣ ба амал омадаанд), аз тарафи контрагентҳо риоя нашудани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин вайрон кардани муқаррароти созишномаҳои басташуда;

8) **хавфи мувофиқа (комплаенс)** – эҳтимолияти ба амал омадани зарар дар натиҷаи аз тарафи Бонк ва кормандони он риоя нагардидани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти ваколатдор, ҳуҷҷатгузории дохилии Бонк, ки тартиби хизматрасонии бонкӣ ва гузаронидани амалиётро дар бозори молиявӣ ба низом медароранд, инчунин қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, ки ба фаъолияти Бонк таъсир мерасонад;

9) **хавфи амнияти иттилоот** – эҳтимолияти ба амал омадани зарар дар натиҷаи халалдор шудани мукаммалӣ, махфият ва дастрасии дороиҳои иттилоотии Бонк, ки аз сабаби дахолати барқасди харобовар аз тарафи кормандони Бонк ва/ё шахсони сеюм ба амал меояд;

10) **хавфи технологияҳои иттилоотӣ** – эҳтимолияти ба амал омадани зарар дар натиҷаи ғайриқаноатбахш ба роҳ мондани равандҳои амалиётӣ, ки бо коркард ва истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ алоқаманд мебошанд;

11) **хавфи нуфузу эътибор** – эҳтимолияти ба амал омадани зарар, нагирифтани даромадҳои нақшавӣ дар натиҷаи коҳиш ёфтани теъдоди муштариён, паст шудани дигар нишондиҳандаҳои рушд, бинобар дар ҷомеа пайдо шудани тасаввуроти манфӣ дар бораи

эътимоднокии молиявии Бонк, сифати хизматрасонӣ ё дар маҷмӯъ хусусияти фаъолияти Бонк ва номувофиқатӣ ба принсипҳои маблағгузории исломӣ;

12) **хавфи стратегӣ** – хавфи пайдоиши зарар, нагирифтани даромадҳои нақшавӣ, дар натиҷаи роҳ додан ба иштибоҳот (камбудиҳо) ҳангоми қабули қарорҳои муайянкунандаи стратегияи фаъолият ва рушди Бонк (идоракунии стратегӣ), ба ҳисоб нагирифтан ё баҳисобгирии ғайрикофии хатарҳои имконпазир, ки ба фаъолияти Бонк таҳдид менамоянд, нодуруст ё асоснокии ғайрикофӣ дар муайянсозии самтҳои афзалиятноки фаъолият, ки дар онҳо Бонк метавонад бартариятро нисбати рақибон соҳиб гардад, вуҷуд надоштан ё таъмини ғайрикофии захираҳои зарурӣ (молиявӣ, моддӣ – техникӣ, инсонӣ) ва чораҳои ташкилӣ (қарорҳои идорӣ), ки бояд барои расидан ба ҳадафҳои фаъолияти Бонк кӯмак расонанд.

19.3. Хавфҳои хоси амалиётҳои бонкии исломӣ инҳоянд:

1) **хавфи сармоягузорӣ ба дороиҳо -** эҳтимолияти пурра ё қисман аз даст додани сармоягузориҳо ё нагирифтани даромади (фоидаи) пешбинишуда. Бонк стратегия, системаи идоракунии хавфҳо ва раванди ҳисоботдиҳиро барои муайян кардани хавфҳои марбут ба сармоягузорӣ ба дороиҳо, аз ҷумла сармоягузорӣ аз рӯи Музораба ва Мушоракаро таҳия намудааст. Бонк усули самарабахши баҳодиҳии эҳтимолияти хавф ҳангоми сармоягузорӣ ба дороиҳо, инчунин усулҳои ҳисоб кардани фоида ва захираҳоро пешниҳод кардааст, ки бояд байни ҳамаи шарикон дар сармоягузорӣ аз рӯи Музораба ва Мушорака мувофиқа карда шавад. Бонк системаи мукаммали идоракунии хавфҳоро барои муайян намудани ҳама омилҳое, ки ба меъёри даромаднокии дороиҳо дар муқоиса бо меъёри пешбинишуда аз рӯи ҳисобҳои сармоягузорӣ таъсир мерасонанд, таҳия ва истифода мебарад.

2) **хавфи номутобиқатӣ ба принсипҳои маблағгузории исломӣ** - хавфе, ки дар натиҷаи аз ҷониби Бонк риоя нашудани қоидаҳо ва принсипҳои маблағгузории исломии муқарраршудаи Кумита, ба вуҷуд меояд.

19.4. Бонк барои ҳимояи манфиатҳои амонатгузорон механизмҳои мувофиқро истифода мебарад. Дар мавриди пасандози сармоягузорӣ, дар сурати бо маблағҳои Бонк омехта намудани маблағҳои амонатгузорон, Бонк бояд дарҷёбии дороӣ, даромад, хароҷот ва фоидаро дар шакли ҳисоботе, ки ба амонатгузор фаҳмо аст, таъмин намояд.

## 20. ҚОНУНГУЗОРӢ ВА САЛОҲИЯТИ ҲУҚУҚӢ

20.1. Қоидаҳои мазкур бояд мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим гардида, ба он дараҷае, ки ба принсипҳои маблағгузории исломӣ мухолифат накунанд, татбиқ карда шаванд ва муштарӣ бечунучаро ба судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ва таъини ҳама гуна мурофиаҳои судӣ ва ҳалли баҳсҳое, ки аз Қоидаҳои мазкур бармеоянд, итоат менамояд.

20.2. Муштарӣ аз ҳама гуна эътирозҳое, ки метавонад алҳол ва ё дар оянда ҳангоми интихоби судҳо оид ба муҳокима ва баҳсҳои судӣ, пешниҳоди ҳама гуна даъво, шикоят ё дархост дар бораи ҳаллу фасли баҳсҳое, ки дар робита бо қабули шартҳои ин Қоидаҳо метавонанд ба миён оянд, бечунучаро даст мекашад.

20.3. Итоат намудан ба салоҳияти судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи Бонкро дар оғоз кардани парванда алайҳи муштарӣ дар ягон суди дигари дорои салоҳияти дахлдор маҳдуд намекунад, ҳамчунин қабули парванда дар як ё якчанд судҳо ба интиқоли масъалаи баҳсӣ ба ягон суди дигар монеъ намешавад, новобаста аз он ки ин амал дар як вақт анҷом шудааст ё не.

20.4. Тарафҳо эътироф мекунанд ва розӣ ҳастанд, ки тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ гирифтан ва пардохти подоши фоизӣ иҷозат дода намешавад ва ҳамзамон розӣ ҳастанд, ки агар талабот оид ба пардохти маблағҳо мувофиқи Қоидаҳои мазкур тибқи қонун ба судҳо пешниҳод шавад ва судҳо бо истифодаи қонунҳои низоми ҳуқуқӣ нисбати пардохти подоши фоизӣ хукм баророанд, Тарафҳо бидуни шарт ва бечунучаро аз ҳуқуқи гирифтани чунин подош даст мекашанд.